*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-004*
*назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,*
*(суроға 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*шаҳри Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак,*
*шаҳраки донишҷӯён, бинои таълимии №8)*

# ТАҚРИЗИ

***муқарризи расмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас ба диссертатсияи Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович дар мавзӯи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) пешниҳод шудааст.***

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Навгонӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба Шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) иҷро гардида, бо бандҳои зерин мувофиқат менамояд: 10.4. Сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи он. Стратегия ва тактика дар амалисозии сиёсати давлатӣ; 10.8. Идоракунии системаҳои иқтисодӣ, усул (принсипҳо), шаклҳо ва методҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати системаи иқтисодӣ. Идоракунии тағйирот дар системаҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.15. Менеҷменти стратегӣ, методҳо ва шаклҳои амалисозии он. Муҳити дохилӣ ва берунии ташкилот. Раванд ва методҳои коркард ва татбиқи стратегия. Инкишофи шаклҳои стратегии ҳамшарикӣ. Муҳтаво ва методҳои назорати стратегӣ. Стратегияҳои корпоративӣ, муносибсозии андозаи ширкат ва ҳамгироии амудӣ, стратегияҳои гуногунсозӣ (диверсификатсия). Ташаккул ва идоракунии занҷираҳои офаридани арзиш. Рақобатпазирии бизнес. Ташкил ва нигаҳдории салоҳиятҳои калидӣ. Захираҳои стратегӣ ва қобилиятҳои ташкилотии ширкат; 10.16. Идоракунии ташкилот дар қаринаи бизнеси байналмилалӣ. Ташкил ва идоракунии ширкати байналмилалӣ. Бизнес-

стратегияҳои байналмилалӣ. Паймонҳои байналмилалӣ ва шабакаҳои ширкатҳо. Якҷояшавӣ ва фурӯбарӣ дар бизнеси байналмилалӣ. 10.17. Идоракунии корпоративӣ. Шакл ва методҳои назорати корпоративӣ.

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Бо мақсади фаъолгардонии гузариши иқтисодиёти кишвар аз модели аграрию саноатӣ ба саноатию аграрӣ бо назардошти аҳаммияти бахши саноат дар ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ соли 2018 дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати кишвар ҳамчун ҳадафи чоруми миллӣ ва стратегии кишвар эълон гардид. Дар ин росто дар самти саноатикунонии босуръат соли 2019 «Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», соли 2020 «Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» ва соли 2021 Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, «Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025», «Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022» ва дигар барномаҳои соҳавӣ қабул гардиданд.

Дар робита ба ин, ташаккул ва рушди кластерҳо дар бахши агросаноатӣ яке аз роҳҳои муҳимми беҳтарсозии таъмини аҳолии кишвар бо неъматҳои моддӣ, рушди мутаносиби иқтисод, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, инчунин тавсеаи раванди гузариши иқтисодиёти мамлакат аз шакли аграрию индустриалӣ ба модели индустриалию аграрӣ мебошад.

Махсусан, тавсеаи ҳамкориҳои мутақобилан судманди истеҳсолкунандагон, молрасонҳо, ва содиркунандагони молҳои кишоварзӣ, таъмини хизматрасониҳои механикӣ, нуриҳои минералӣ, коркарди заминҳо ва боғҳо, ҳамкории муассисаҳои илмӣ ва истеҳсолкунандагон, ҷустуҷӯи захираҳои молиявӣ барои ҷорӣ намудани технологияҳои муосири интенсивӣ ва инноватсионӣ, таъмини мутахассисон, рушди инфрасохтори логистикӣ ва нақлиётиро метавон тавассути рушди кластерҳо дар бахши кишоварзӣ таъмин кард.

Дар робита ба ин, ташаккул ва рушди шаклҳои гуногуни шарикии давлат ва бахши хусусӣ ва роҳандозии ҳамкориҳои муштараки ширкатҳои гуногун дар шакли шарикии стратегӣ аз ҷумлаи самтҳои муҳимми амалисозии ҳадафи зикршуда ба ҳисоб меравад ва аз ин лиҳоз, мавзӯи интихобшуда мубрамияти хосаро доро мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия дар асосноккунии муқаррароти назариявии рушди шаклҳои шарикии стратегии корхонаҳои саноатӣ ва таҳияи пешниҳоду тавсияҳои амалӣ оид ба густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ хулоса мешавад.

Хулосаҳои алоҳидаи илмӣ, ки хусусиятҳои навгониро дарбар мегиранд, инҳоянд:

– асосҳои назариявӣ ва методии рушди шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ бо назардошти ба низом даровардани шаклҳо, самтҳо ва шаклҳои шарикии корхонаҳои истеҳсолӣ, таъминкунандагон, муассисаҳои тиҷоратӣ ва илмӣ, ки ҳадафи асосии онҳо ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилан судманд ва таъмини самараи синергетикӣ мебошад, муайян карда шудаанд, ки ба баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар муҳити дохилӣ ва берунӣ ва суръат бахшидан ба раванди саноатикунонии иқтисодиёти миллӣ, дар заминаи фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ, мусоидат мекунад;

– принсипҳои асосӣ ва авомили муассир ба инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ дастабандӣ гардиданд, ки имкон доданд, меъёрҳо, нишонаҳо, омилҳо ва шароити густариши шарикии стратегӣ дар ҷаҳони муосир муайян карда шаванд. Таърифи муаллиф оид ба мафҳуми шарикии стратегӣ пешниҳод шудааст, ки онро ҳамчун муттаҳидшавии ду ё зиёда ташкилот дар асоси шартнома (созишнома) ё бо роҳи ташкили сохтори нави ташкилӣ бо назардошти ноил шудан ба параметрҳои ҳамкории мутавозин ва муассир муайян менамояд, ки ба оптимизатсияи равандҳои ҳамгироӣ, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, татбиқи самараноки иқтидори инноватсионӣ ва содиротӣ, бо нигоҳ доштани мустақилияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии онҳо, нигаронида шудааст;

– ҳолати кунунӣ ва тамоюлҳои инкишофи шарикии стратегӣ дар бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва арзёбӣ гардид, ки имкон дод авомили муассир ба инкишофи бахши саноат, мушкилот ва монеаҳои рушди он, бо таваҷҷуҳ ба истифодаи ғайрисамараноки принсипҳои асосии шарикии стратегӣ, ошкор карда шавад. Моделсозии омилҳои муассир ба фазои касбу кор бо меҳварияти омили тағйирёбандаи «шарикии стратегӣ»

дар асоси усули таҳлилӣ-омилӣ муҳосиба шудааст, ки рутбаҳои омилҳои таъсиррасонро ба шарикии стратегӣ дар муҳити фазои касбу кори кишвар инъикос менамояд;

– мушкилот/комёбиҳо ва дурнамо/оқибатҳои густариши шарикии стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа чун заминаи ҳамкориҳои дуҷониба дастабандӣ шудаанд, ки ҷиҳати фароҳам овардани фазои мусоиди густариши шаклҳои мухталифи шарикии стратегӣ дар бахши саноат мусоидат менамоянд;

– самтҳои асосии таҳкими шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳ ба коркард ва татбиқи стратегияи инкишофи минбаъдаи корхонаҳои муштарак дар заминаи татбиқи мутавозини маҷмуи чорабиниҳои рушду инкишофи муҳити ниҳодӣ, иқтисодӣ, илмӣ ва фарҳангии фаъолияти онҳо пешниҳод гардидаанд, ки он имкон медиҳад, то ба фаъолияти сармоягузории онҳо дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ/воридвазнкунанда суръат бахшида шавад;

– модели иқтисодию риёзии ташаккули кластерҳо дар бахши саноат дар асоси рушди шарикии технологӣ байни корхонаҳо таҳия карда шудааст, ки он ҷиҳати расидан ба натоиҷи зерин муосидат мекунад:

✓ фароҳам оварадани шароити мусоиди шарикии технологӣ ҳамчун асоси кластеризатсияи корхонаҳои саноатӣ;

✓ фаъолсозии равандҳои инвеститсионӣ ва инноватсионӣ дар самти истифодаи самараноки иқтидори табиии минтақаҳои кишвар дар шароити ташкили кластерҳо;

✓ ташаккули неруи кадрӣ дар бахши саноатии иқтисодиёт, ки қобилияти идора кардани кластерҳоро доро мебошад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дараҷаи асосноккунии нуктаҳои илмӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта бо он тасдиқ мешаванд, ки асоси методии диссертатсияро асарҳои классикони илми иқтисод, олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин корҳои илмии институтҳои таҳқиқотӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ташкил мекунанд, ки ба масъалаҳои густариши шарикии стратегии корхонаҳои саноатиро дарбар мегиранд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса, пешниҳод ва тавсияҳо, ки дар рисолаи илмӣ дарҷ гардидаанд, дар сатҳи зарурӣ таҳия шуда, мантиқан дуруст мебошанд. Ҳолатҳои

назариявӣ ва амалии аз тарафи муаллиф пешкашшуда, ҳамчун натиҷаи ниҳоии тадқиқот бо навгонии илмии худ фарқ мекунад.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳаммияти илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада метавонанд назарияи менеҷменти корхонаҳои саноатиро дар шароити густариши равандҳои ҳамгироӣ бо ширкатҳои хориҷӣ ғанитар гардонанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар коркарди стратегияи давлатии рушди корхонаҳои саноатӣ, такмили низоми ниҳодҳои танзимкунандаи фаъолияти бурунмарзии корхонаҳои саноатӣ истифода бурд.

Ҳолатҳои асосноккардашуда ва хулосаҳо метавонанд дар фаъолияти қонунбарорӣ бо мақсади амалигардонии стратегияи дарозмуддати барномаҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар густариши шарикии стратегии ширкатҳои саноатӣ самаранок истифода шаванд. Тавсияҳои методӣ ва амалии дар диссертатсия асосёфта дар чараёни таълим ҳангоми гузаронидани машғулиятҳо дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мукаммалгардонии курсҳои омӯзишии «Менеҷмент», «Менеҷменти стратегӣ» «Асосҳои бизнеси байналхалқӣ», «Фаъолияти иқтисодии берунмарзии корхонаҳо», «Иқтисодиёти саноат» ва ғ. истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Вобаста ба маводҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ 15 мақолаи илмӣ интишор гардидааст, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талабот.** Барасмиятдарории диссертатсия, дар маҷмӯъ, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгуй мебошад.

**Эрод ва ҷанбаҳои мубоҳисавии диссертатсия.** Ба андешаи мо, дар матни диссертатсияи барои тақриз пешниҳодшуда, дар баробари бартариҳо як қатор норасоиҳо ва муқаррароти баҳснок вомехӯрад:

1. Дар диссертатсия норасоиҳои техникиву таҳрирӣ ба назар мерасанд. Аз ҷумла, муқаррароти дар банди 6 навгонии илмии диссертатсия (саҳ. 11) то ба охир мукаммал пешниҳод нашудааст. Инчунин, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда (саҳ.12) то андозае таҳрирталаб мебошад.

2. Дар параграфи 1.1. андешаҳои пешниҳодшуда оид ба "Ҷаҳонишавӣ дар солҳои 70-уми асри XX таҳти таъсири се падидаи бузурги иқтисодию технологӣ шуруъ шуд:" (саҳ. 16), инчунин доир ба

“Ягон иқтисоди миллӣ, сарфи назар аз ҳаҷм ва сатҳи рушд, дигар худкифо маҳсуб намеёбад.” (саҳ. 22) дар матн бо ифодаҳои мухталиф ифода ёфта, то андозае баҳснок мебошанд.

3. Дар матни диссертатсия расми 1.1.1 “Гурӯҳбандии омилҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёти дунё” (саҳ. 24) ва расми 1.2.2. “Механизми ташаккулёбӣ ва инкишофи шарикии стратегӣ” (саҳ.52), инчунин расми 1.3.1. “Тавсифи принсипҳои асосии шарикии стратегӣ” (саҳ. 60) пешниҳод шудааст. Вале сарчашма ва муаллифи он зикр карда нашудааст. Ба ин монанд, дар сарчашмаи ҷадвали 1.1.1. ва ҷадвали 1.3.1 “таҳияи муаллиф дар асоси адабиётҳои соҳа” навишта шудааст. Ҳамин гуна холат дар расми 1.2.1. низ дучор мегардад. Ба андешаи мо, агар сарчашмаи адабиёт тибқи тартиби муқарраргардида зикр мегардид, эътимоднокиву сифати таҳқиқот баландтар мегардид.

4. Дар параграфи 2.3 муаллиф “тавсифи нишондиҳандаҳои муҳити касбу кор дар пойгоҳи додаҳои Doing Business” (саҳ. 107-111) мавриди таҳлилу арзёбӣ ва хулосабарорӣ қарор додааст. Аввалан сарчашма ва давраи мансубият нишон дода нашудааст. Сониян, аз соли 2020 инҷониб бинобар баҳсҳои як қатор кишварҳо нисбат ба эътимоднокии тадқиқоти мазкури Бонки Ҷаҳонӣ чунин тадқиқот гузаронидаву нашр намегардад. Муҳимтар аз ҳама, дар давраи сипаришуда Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор ислоҳот амалӣ намуда, нишондиҳандаҳо комилан дигар шудаанд.

5. Агар дар таҳқиқот доир ба роҳандозии шаклҳои гуногуни ҳуқуқии корхонаҳои муштарак, бинобар фароҳам гардидани заминаи меъёрии ҳуқуқии онҳо дар мамлакат, аз ҷумла ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамиятҳои масъулияти маҳдуд ва монанди инҳо, ки дар шакли ҳамшарикӣ низ таъсис ва фаъолият доранд, таваҷҷуҳи бештар дода мешуд, сатҳу сифати кор боз ҳам беҳтар мегардид.

6. Дар диссертатсия масъалаҳои таъсис ва рушди кластерҳои саноатӣ баён гардидаанд. Агар ҳолати амалисозии «Консепсияи ташаккул ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020 тасдиқ шудааст, таҳлил мегардид, сифати кори таҳқиқот комилан беҳтар мешуд.

Бояд зикр намуд, ки камбудиҳои мавҷуда аҳаммияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти гузаронидашударо паст намекунанд ва бештар хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Умуман, диссертатсия дар

мавзӯи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)» таҳқиқоти илмии мустақилона ва пурра анҷомёфта мебошад.

Натиҷаҳои ба даст овардашуда навоварии илмӣ ва аҳаммияти амалиро дар худ инъикос мекунанд, ки ба ҳалли масъалаҳои такмили шаклҳои шарикии стратегӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамояд.

Автореферат ва корҳои аз чоп баровардаи муаллиф дар худ таркибу мундариҷаи асосии диссертатсия ва навгонии илмии онро ифода менамоянд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд.

Дар асоси маълумоти зикршуда хулоса карда мешавад, ки диссертатсия дар мавзуи «Инкишофи шаклҳои шарикии стратегӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ (дар мисоли бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) ҷавобгӯ буда, муаллифи он Маҳмадуллоев Аҳмадҷон Саидҷонович сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (Ph.D), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050700 – Менеҷмент (6D050701 – Менеҷмент) мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**
**д.и.и., профессори кафедраи**
**идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Муқаддасзода Ф.М.**

Имзои Муқаддасзода Фирдавс Муқаддас -ро тасдиқ менамоям.

**Сардори Раёсати кадрҳо,**
**коргузорӣ ва корҳои махсуси**
**Академияи идоракунии давлатии**
**назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ҳамидов Ш.Б.**

15.08.2024